**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Данғара» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________Хайрзода Ш.Қ.
«_30_» ___________ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Мавзуи таҳқиқотии Ёрматзода Алишер Ҷолмад ба яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогика бахшида шудааст. Мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама хонанда ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Мушоҳидаҳо ва муқоисаю ташхиси омӯзгорону олимон нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти умумӣ доранд, вале ба умқи ин масъала ба дараҷаи даркорӣ сарфаҳм намераванд. Дар шароити муосир, ки эҳёи худшиносии таърихӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, чунин таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 16.05.2025 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дарадаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) МДТ «Донишгоҳи давлатии

Данғара»-ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Ёрматзода Алишер Ҷолмад таъин намуд. Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикиа МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара», протоколи №11, аз 30 июни соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба **шиносномаи** ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Таъкид мегардад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати бофарҳанги тоҷик баҳри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузоштааст, ҷаҳд бар он доранд, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Аз ин рӯ дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна бо ҷиддияти махсус вазифаи тарбия намудани наслҳои дар руҳияи хислатҳои наҷиби инсонӣ камолёфтаро гузоштааст. Аз ин лиҳоз, ба омӯзгорон зарурат пеш меояд, ки муқарраротти нав дар соҳаи

маорифро дар ҳаёт татбиқ намоянд ва барои амалӣ намудани он ҳаматарафа омода бошанд.

Ташаккули сифатҳои ахлоқи ҳаммида, алалхусус, дар руҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас дар даврони муосир аҳамияти басо муҳимро касб кардааст. Дар шароити кунунии пешрафту тараққии илму техника ва технологияи муосир олимону омӯзгорони пешқадами ҷумҳурӣ мазмуну мундариҷаи таълиму тарбияро мукаммал гардонида, роҳ ва усулҳои самараовари сифатҳои ахлоқии хонандагонро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Бинобар ин, масъалаи ташаккули тарбияи худшиносӣ ва ба камол расонидани шахсиятҳои комил масъалаи муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳли ҷомеаи кунунӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия ҳамчун як самти наву муҳими таҳқиқи педагогӣ, психологӣ ва таърихӣ, махсусан дар давраи соҳибистиқлолияти Ватанӣ, дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Ёрматзода Алишер Ҷолмад, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои муътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти педагогӣ фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстию худшиносии хонандагонро нишон додааст.

Муаллиф дар таҳқиқи масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, алоқамандии масъалаи таҳқиқшавандаро бо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои мӯътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст вазъи технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми дар тарбияи худшиносиро нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Натиҷаҳои хулосаҳои илмии таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи асарҳои бунёдӣ оид ба ҳамкории педагогии муассисаҳои таълими бо оила дар таълиму тарбияи хонандагон, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ (самти омӯзгорой), инчунин дар таълим ва тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон истифода бурд.

Хулоса, диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

1. Андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагон бо истифодаи андешаҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику

форс вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд, коркард шуд.

2. Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва технологияи амалигардонии он ба таври озмоишӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

3. Роҳу усул ва технологияи педагогии фаъолияти муштараки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он исбот карда шуд.

4. Дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мазмуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян ва тавсияҳои методӣ барои самарабахшии ин раванд коркард гардидааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби олимони соҳаҳои педагогика, психология ва фалсафа дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии худ истифода шаванд. Маводи ин диссертатсия метавонад дар таҳияи монографияҳо ва асарҳои илмӣ оид ба ҳамкории педагогии муассисаҳои таълми бо оила дар таълиму тарбия насли наврас ва ҷавонон, инчунин ҳангоми омода сохтани маводҳои таълимию тарбиявӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Истифодаи заминаҳои методологӣ ва назариявии

таҳқиқот, асосноккунии усулҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамоянд, таҳлили шароиту имкониятҳои ҳамкории педагогии МТМУ бо оила, натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи андешаҳо, ки дар фарзия ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ифода ёфтаанд, интихобу истифодаи методҳои таҳқиқотии мувофиқ бо мақсади таҳқиқот ва таҳлилу баррасии миқдори сифатии маълумоти бадастоварда. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳими олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ, Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар анҷом додани диссертатсия дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон»хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Оид ба муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, аниқ намудани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, бо ҳам мантиқан алоқаманд намудани масъалаҳои асосии он, дар омезиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводҳо, истифодаи маҷмуи методҳои самарабахши таъсиррасон ва коркарду татбики технологияи педагогии ҳамкории МТМУ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон, натиҷагирӣ аз корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, пешниҳоди усулҳои самарабахши тарбияи худшиносӣ дар иртибот бо омӯзгорону падару модарон, ҳиссагузорӣ ба назария ва амалияи тарбияи худшиносӣ ва ватандӯстии хонандагон, таҳия ва нашри

мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баррасии диссертатсия нишон дод, ки аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 33 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 13 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудаанд, ки ин аз эътибори илмии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад. Интишороти муаллиф шаҳодат медиҳанд, ки нуктаҳои асосии муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии Ёрматзода Алишер Ҷолмад инъикос ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад дар ҳаҷми 182 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия -«Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар ин боб муаллиф изҳори ақида намудааст, ки мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама хонанда ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Мушоҳидаҳо ва муқоисаю ташхиси омӯзгорону олимон нишон медиҳанд, ки аксарияти хонандагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти

умумӣ доранд, вале ба умқи ин масъала ба дараҷаи даркорӣ сарфаҳм намераванд.

Ба ақидаи унвонҷӯ сабаб дар он аст, ки на ҳама омӯзгорони МТМУ, на дар ҳама дарсу машғулиятҳо ба масъалаи дар рӯҳияи худшиносӣ тарбия намудани хонандагон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ин аст, ки масъалаи худшиносии хонандагон ба талаботи давр чандон ба пуррагӣ ҷавобгӯ нест ва вазъи мазкур аз омӯзгорон роҳбарии

**Боби дуюми** рисола Вазъи тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли таълими фанҳои гуманитарӣ) дар бар гирифта, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар он сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва зерсохтори он-муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (МТМА), яъне муассисаҳои пойгоҳӣ дар се сатҳ: муқарраркунанда – ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ, инчунин сатҳи маҳорат ва малакаҳои касбии омӯзгорон ва технологияи педагогии ҳамкории онҳо бо падару модарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар раванди таълим муқоиса кардани сатҳи ибтидоии дониши худи омӯзгорон, муайян кардани дараҷаи омодагии омӯзгорон ба тарбияи худшиносӣ ва корбандии он дар рафти таълими фанҳо ва ташкилу баргузории мавзуъҳо ва корҳои тарбиявӣ, муайян намудани мушкилоти омӯзгорон дар тарбияи худшиносӣ тариқи назарпурсӣ, додани маслиҳатҳо ва тавсияҳо ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар зинаи таҳсилоти миёнаи умуӣ оид ба роҳҳои дурусти тарбия вазифаҳои асосии тадқиқоти мо буданд.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон оварда шудаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи номзади аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва (илмҳои педагогӣ) ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб Ёрматзода Алишер Ҷолмад ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Зербоби якуми боби якум дар бораи Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ номгузори шудааст аммо мафҳуми худшиносӣ аз ҷиҳати фалсафӣ  дар ин зербо аз тарафи муҳаққиқ кам этибор дода шудааст.
2. Кадом намуди технологияи ҳамкори дар баланд бардоштани тарбияи худшиноси хонандагон истифода бурдан дар кораст аст.
3. Хуб мешуд, ки диссертант боз ҳам дар рафти таҳқиқи масъала аз андешаҳо пиромуни собиқадорон, шахсиятҳои муътабари ҷомеа, адабиёти ёддоштии вобаста ба замони ҶБВ ва маълумоти пусуҷӯӣ бештар истифода мебурд.
4. Дар диссертатсия камбудиҳои ночизи техникӣ, имлоӣ ва китобати ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми педагогикаи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҳолмад дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент дар Донишгоҳи давлатии Данғара, Ю.Ш. Наботов омода гардидааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии Данғара», протоколи №11, аз 30 июни соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи МТД «Донишгоҳи давлатии Данғара» 15 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ ширкат варзиданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 15 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест.

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Д.Ҷ.Ғафурова

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент дар Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ Ю.Ш.Наботов

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология Ҷ.Ш.Садирова

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25; Тел: +992 833122-28-06, +992 934337676; E-mail: dddangara 2013@mail.ru, Dilorom.gafurova.76@mail.ru; www.dsu.tj

30 июли соли 2025

"Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Ю.Ш.Наботов ва Ҷ.Ш.Садирова - ро тасдиқ мекунам".

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ – и "Донишгоҳи давлатии Данғара ___________ Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ШУЪБАИ КАДРҲО